# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Бо ба даст овардани истиқлол марҳалаи комилан нав дар таҳқиқ ва омӯзиши таърихи чандинҳазорсолаи халқи тоҷик ибтидо мегирад. Зеро соҳибистиқлолӣ ба раванди таҳқиқ ва омӯзиши таърих, метод ва усулҳои таҳқиқ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои таърихӣ, бахусус маводи бойгонӣ имконияти фаррох ва раванди тоза бахшид. Баробар ба ин, таърих ва донишҳои таърихӣ ба воситаҳои муҳимтарини худшиносии миллӣ, ба ваҳдатоварию ягонагии ҷомеаи кишвар табдил ёфтанд.

Аз тарафи дигар, яке аз омилҳои созанда ва афзояндаи мақоми илму донишҳои таърихӣ дар ҷомеаи имрӯзаи ҷумҳурӣ ин, пеша аз ҳама таваҷҷӯҳи махсуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таърих, сабақҳои таърихӣ ва қувваи созандаи он, тамаддун ва оину суннатҳои аҷдодӣ ҳамчун омилҳои муҳимми муттаҳидкунандаю ваҳдатсоз, воситаи таҳкимбахши худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ мебошад.

Баробар ба ин дар замони соҳибистиқлолӣ баъди муддати тӯлонӣ манфиату андешаҳои миллӣ дар сиёсати давлатӣ мақоми асосиро соҳиб

гардиданд ва ин, аз ҷониби дигар имкон дод, ки пажӯҳишгарон дар пайгирӣ аз сиёсати Сарвари давлат бо назардошти манфияту арзишҳои миллӣ ба саҳифаҳои таҳқиқнашудаи таърихи миллат бештар таваҷҷуҳ намоянд.

Аз ҷумла, дар ин раванд назари нав ба таърихи садсоли охир, бурду бохти ин марҳалаи таърихӣ, инъикоси дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ мақоми меҳварӣ пайдо намуданд. Мавзӯи мавриди таҳқиқоти илмии мазкур, ки ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи давраи навтарини яке аз минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ноҳияи Данғара равона шудааст, маҳз дар ҳамин замина ба миён омадааст. Рисола пеш аз ҳама ба таҳқиқи таърихи таъсисёбӣ ва рушди ноҳия Данғара дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар давраи соҳибистиқлолӣ бахшида шудааст. Ноҳияи Данғара соли 1932 дар ҳайати собиқ вилояти Кӯлоб таъсис ёфта, дар натиҷаи дигаргунсозиҳои замони шуравӣ ва ҶШС Тоҷикистон тадриҷан рӯ ба инкишоф ниҳода, ба як минтақаи пешрафта табдил ёфтааст.

Ноҳия вобаста ба зуд–зуд тағйир ёфтани сохтори маъмурии ҷумҳурӣ борҳо аз тобеяти як вилоят ба вилояти дигар гузаштааст. Аз ҷумла, соли 1944 аз ҳайати вилояти Кӯлоб ба тобеияти вилояти Қӯрғонтеппа, вале соли 1947 аз нав ба ҳайати вилояти Кӯлоб ҳамроҳ гардидааст. Новобаста аз ин ноҳия дар замон шуравӣ аз як минтақаи рушднаёфтаи Бухорои Шарқӣ ба ноҳияи пешрафта ва яке аз минтақаҳои муҳимми кишоварзӣ табдил ёфт. Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия комилан дучори таҳаввулот гардид.

Марҳалаи нави рушди ноҳия ба давраи соҳибистиқлолӣ рост меояд. Дар партави сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари дигар минтақаҳои кишвар ноҳияи Данғара низ комилан симои худро дигар намуда, ба минтақаи калони саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мубаддал гардид.

Аммо то имрӯз ташкилёбӣ ва ташаккули ноҳияи Данғара ҳамчун як минтақаи саноатию кишоварзӣ дар доираи як рисолаи таҳқиқотӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Гарчанде то имрӯз доир ба таърихи ноҳияи Данғара мақолаву китобҳои алоҳидаи илмӣ-оммавӣ таълиф шудаанд, вале онҳо таърихи ташкилёбӣ ва рушди ноҳияро ба шакли пурра дар заминаи манобеи таърихӣ инъикос карда наметавонанд. Мубрамии интихоби мавзӯи мазкур боз дар он зоҳир меёбад:

- метавон инъикоси дигаргунисозиҳои ҷиддии сиёсӣ, иқдисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии дар сад соли охир ба даст овардаи халқи тоҷикро дар мисоли таърихи ноҳияи Данғара тасвир намуд;

- минтақаи Данғара дар арафаи барқарорсозии Ҳокимяти Шуравӣ яке аз минтақаҳои ақибмондаи Бухорои Шарқии аморати Бухоро буд ва дар натиҷаи дигаргунсозиҳои замони шуравӣ ба маркази алоҳидаи маъмурӣ ва ноҳияи пешрафтаи соҳаи кишоварзӣ табдил ёфт. Таҷрибаи таърихии раванди ин дигаргунсозиҳо барои дарки таърихи гузашта ва корҳои бунёдкунандаву созандаи имрӯза дорои аҳаммияти тоза мебошад;

- дар кӯтоҳтарин муддат бо шарофати соҳибистиқлолӣ ва фазои озоду мусоиди соҳибдавлатӣ новобаста аз мушкилоту маҳдудиятҳои дохилию берунӣ ноил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ваҳдату ягонагӣ ва таъсири он дар мисоли рушди як ноҳия муҳимтарин нишондиҳандаи дастовардҳои беназири халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад.

Тавре маълум гардид, диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқро дар муқаддимаи рисола бо нуктаҳои ҷолиб иброз намудааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар таърихнигории ватанӣ масъалаи таърихи ноҳияи Данғара мавриди пажуҳиш ва барраси қарор гирифтаааст, ки натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи он дар хулосаҳои зерин рӯйи кор оварда шудааст:

- бори нахуст омилҳои асосии рушди иқтисодӣ - истеҳсолии ноҳияи Данғара дар ду марҳалаи таърихӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд;

- ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони шуравӣ бори нахуст ба таври мукаммал матраҳ ва тавсиф ёфт;

- сарчашмаҳо ва роҳҳои асосии рушди иқтидори истеҳсолии ноҳияи Данғара, ҳамчун маркази бузурги кишоварзӣ таҳқиқ гардид;

- таъсири бухрони сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии охири дарваи шуравӣ ва ибтидои замони истиқлол ба вазъи умумии ноҳия ба доираи таҳқиқ кашида шуд;

- таҳаввулоти ҷиддии микдорию сифатии дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия дар замони истиқлол ба вуқуъ омада, мавриди таҳлилу ташхис қарор гирифт;

- омилҳо ва заминаҳои асосии ба як маркази саноатии ҷумҳурӣ табдил ёфтани ноҳияи Данғара мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд;

- самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои илмию таълимӣ, аз ҷумла макотиби олии ноҳия ва раванди тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар замони истиқлол омӯхта шуданд;

- накши муассисаҳои фарҳангии ноҳия дар тарбияи ҷаҳонбинии дунявӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихию миллӣ, болоравии сатҳи маърифати аҳолии ноҳия дар замони соҳибистиқлолӣ муайян гардиданд.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ мавзӯи марбут ба таърихи ноҳияи Данғара ҳамчун як воҳиди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба таври системавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Муаллиф на танҳо ба тавсифи умумии раванди таърихӣ қонеъ нагашта, балки бо такя ба маводҳои бойгонӣ, омори расмӣ ва таҳлили муқоисавӣ кӯшидааст механизмҳои дохилии тағйирёбиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва заминаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳаллиро бозгушояд. Натиҷаи ин омӯзиш ва пажӯҳиш дар хулосаҳои диссертант таҷассум ёфтаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта:**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои баёнёфта дар диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ ҳангоми анҷоми

таҳқиқот ба маҷмӯи васеи сарчашмаҳо, аз ҷумла санадҳои расмии давравӣ, маълумоти оморӣ, ҳуҷҷатҳои бойгонии давлатӣ ва матбуоти даврии солҳои гуногун такя кардааст. Ҷалби маводи бойгонӣ, инчунин истифодаи фонд, рӯйхат ва парвандаҳои мушаххаси онҳо, ба натиҷаҳои таҳқиқ аҳаммияти баланди илмӣ ва дараҷаи баланди эътимоднокӣ медиҳад.

Ғайр аз ин, муаллиф на танҳо ба ҷамъоварии иттилоот қонеъ гардидааст, балки таҳлили муқоисавӣ, робитасанҷӣ ва баррасии динамикии тағйиротро дар ду марҳалаи таърихӣ (давраи шуравӣ ва замони истиқлол) амалӣ намудааст, ки ин асоси методологӣ ва илмии хулосаҳои пешниҳодшударо пурзӯр менамояд. Пайванд додани маълумоти оморӣ бо таҳлили вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия имкон медиҳад, ки тавсияҳои пешниҳодшуда на танҳо тавсифӣ, балки сифатан таҳлил ёфта, амалан татбиқшаванда бошанд.

Ин ҳама нишон медиҳад, ки рисола дорои зиёдкунандаи арзиши мантиқӣ, далелӣ ва амалии хулосаҳо буда, метавонад ҳамчун асоси таҳлилии минбаъда барои баррасии таҷрибаи рушди минтақаҳо ва татбиқи барномаҳои давлатӣ истифода шавад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ.** Дар он ифода меёбад, ки дар рисола масъалаи таърихи ташаккули ноҳияи Данғара ҳамчун воҳиди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ на ҳамчун мавзӯи кишваршиносӣ, балки дар заминаи умумии равандҳои давлатсозии миллӣ ва сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлати тоҷикон баррасӣ шудааст. Ин гуна назари таҳлилӣ имкон медиҳад, ки таҷрибаи рушди як минтақа ҳамчун модели омӯзиши механизми татбиқи сиёсати давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ дар илм ба таври назариявӣ истифода гардад.

Муҳаққиқ тавонистааст мафҳумҳои назариявии "минтақагардонӣ", "бунёди инфрасохтори иҷтимоӣ", "маркази агросаноатӣ" ва "интегратсияи иҷтимоӣ - фарҳангӣ"-ро бо воқеияти таърихии Данғара пайваст намояд, ки ин ба таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таърихи иҷтимоӣ ва иқтисодшиносии таърихӣ заминаи илмиву методологӣ фароҳам меорад.

Ин таҳқиқот дар рушди истилоҳшиносии таърихи муосири Тоҷикистон саҳми назаррас дошта, барои такмил додани назарияи давлатсозӣ ва идоракунии минтақавӣ, махсусан дар таҳқиқи сиёсати иҷтимоии давраи истиқлол, арзиши баланди илмӣ дорад. Натиҷаҳои ба дастомада метавонанд ҳамчун пойгоҳи назариявӣ барои муқоисаи моделҳои рушди дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳрасти манобеъ ва адабиёти истифодашуда (бо 359 номгӯй) иборат мебошад.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ** ва тавсифи умумии рисола нишон медиҳад, ки диссертант мубрамияти мавзуи таҳқиқотиро бо далелу асосҳои муътамад, такя ба таҳлили илмӣ-назариявӣ амиқ нишон додааст. Муқаддимаи диссертатсия аз бандҳои мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳою мавзуҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, мавзӯъ (предмет)-и таҳқиқот, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, асоси назариявӣ – методологӣ, пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтори диссертатсия таркиб ёфта, мувофиқи талабот таълиф гардидааст.

**Боби якум. Таъсисёбии ноҳияи Данғара ва аввалин дигаргунсозиҳои сиёсию иқтисодӣ.** Боби мазкур аз ду зербоб иборат мебошад. **Зербоби якум "Таъсиёбии ноҳияи Данғара ва ташаккули низоми идоракунии он"** ном дорад. Дар ин бахш ба таври муфассал раванди ташаккули маъмуриву идории ноҳияи Данғараро дар заминаи сиёсати маъмурӣ - ҳудудии давлати шуравӣ баррасӣ менамояд ва нишон медиҳад, ки ташкили ноҳия ҳамчун воҳиди мустақили маъмурӣ ва иқтисодӣ на танҳо натиҷаи тақсимоти ҳудудӣ, балки маҳсули сиёсати марказонидашудаи идоракунии давлати

шуравӣ мебошад. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои бойгонии давраи шуравӣ, хусусиятҳои ташаккули мақомоти идорӣ, гузариши онҳо аз шаклҳои инқилобӣ ба низоми расмии шуравиро нишон медиҳад. Инчунин муқовимати иҷтимоӣ, равандҳои мутобиқшавии аҳолӣ ба сохтори нави маъмурӣ ва таъсири он ба тағйири таркиби иҷтимоӣ-маъмурии ноҳия ба таври таҳлилӣ инъикос ёфтааст, ки ин нишондиҳандаи муносибати таҳқиқот ба мавзӯъ на танҳо аз рӯйи далел, балки аз дидгоҳи таҳлили равандҳои сохторӣ мебошад.

**Дар зербоби дуюм "Дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва рушди ноҳия дар замони шуравӣ"**, муаллиф раванди гузариши минтақа аз сохтори суннатии хоҷагидорӣ ба модели иқтисодии марказонидашудаи шӯравиро бо такя ба омилҳои сиёсати иқтисодии давлати шӯравӣ таҳлил намудааст. Таваҷҷуҳ ба тағйири сохтори заминдорӣ, ташкили колхозу совхозҳо ва ҷалби нерӯи меҳнатии аҳолӣ ба низоми нави истеҳсолот, нишон медиҳад, ки дигаргунсозиҳои иқтисодӣ на танҳо хусусияти маъмурӣ, балки тағйири муносибатҳои иҷтимоӣ ва шаклгирии тасаввуроти нави меҳнатӣ дар ҷомеа доштанд.

Муаллиф бо такя ба маълумоти бойгнӣ ва омори расмии солҳои 30–80-уми асри XX, нишон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ дар ноҳия бо сиёсати саноатикунонӣ, ҷалби сармояи давлатӣ ва татбиқи барномаҳои умумииттифоқӣ тавъам буда, ин раванд ба тағйири симои иҷтимоиву инфрасохтории Данғара замина гузошт.

**Боби дуюм – "Рушди кишоварзӣ ва ҳаёти фарҳангии ноҳия дар солҳои 50-80-уми асри XX"** аз ду зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум **"Рушди кишоварзӣ ва соҳаҳои он дар солҳои 50 – 80 – уми асри XX"** қайд карда мешавад, ки рушди кишоварзии ноҳияи Данғара дар солҳои 50–80-уми асри XX ба марҳилаи таҷдиди сохтории соҳаи аграрӣ, ки зери таъсири сиёсати аграрии давлати шуравӣ сурат мегирифт, ворид гардид. Муаллиф нишон медиҳад, ки бо ташкили колхоз ва совхозҳои махсусгардонидашуда, ҷорӣ намудани технологияҳои нави обёрӣ, зироаткории техникӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба пахтакорӣ, ноҳия ба яке аз

минтақаҳои фаъол ва таъминкунандаи ашёи хоми саноати сабуки ҷумҳурӣ табдил ёфт.

Дар зербоби дуюми боби дуюм - **“Маориф ва ҳаёти фарҳангии ноҳия”** муаллиф қайд намудааст, ки рушди маориф ва ҳаёти фарҳангии ноҳияи Данғара дар солҳои 50–80-уми асри XX дар доираи сиёсати умумии шуравӣ оид ба густариши маърифати иҷтимоӣ ва ташаккули фарҳанги оммавӣ сурат гирифтааст. Муаллиф бо такя ба санадҳои маъмурӣ, барномаҳои давлатӣ ва иттилооти матбуоти даврӣ равшан месозад, ки таъсиси муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, боз шудани хонаҳои фарҳанг, китобхонаҳо, клубҳои деҳотӣ ва марказҳои санъати мардумӣ, дар ташаккули фазои нави фарҳангӣ-маърифатии ноҳия нақши муайянкунанда доштаанд.

Диссертант қайд менамояд, ки густариши шабакаи муассисаҳои маориф на танҳо ба саводноккунии аҳолӣ мусоидат кард, балки ба ташаккули як насли нави фаъоли иҷтимоӣ, ки дар рушди иқтисодӣ ва фарҳангии ноҳия минбаъд иштирок намуд, замина гузошт. Дар ҳамин замина, фаъолшавии иштироки занон ва ҷавонон дар ҳаёти фарҳангӣ ва маърифати ҷамъиятӣ ҳамчун хусусияти муҳимми давраи мазкур арзёбӣ мегардад.

**Боби сеюми диссертатсия “Данғара дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021”** аз се зербоб иборат мебошад. **Зербоби якум “Ба ноҳияи саноатӣ табдил ёфтани Данғара”** равшансозандаи он равандҳост, ки ноҳияи Данғара дар давраи соҳибистиқлолӣ аз модели шуравии ноҳияҳои аграрӣ ба самти иқтисоди саноатӣ – инфрасохторӣ ҳаракат намудааст. Муаллиф бо такя ба қарорҳо ва барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла барномаҳои рушди комплексии иҷтимоию иқтисодии минтақа, нишон медиҳад, ки ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ, корхонаҳои нави коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва соҳаҳои саноати сабук Данғараро ба яке аз пойгоҳҳои стратегияи саноатикунонии ҷумҳурӣ табдил додааст. Ин таҳлил ба диссертатсия арзиши татбиқии баланд медиҳад ва Данғараро ҳамчун мисоли модели минтақавии рушди иқтисоди пасошуравӣ муаррифӣ мекунад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм -“**Дастовардҳои кишоварзӣ дар замони истиқлол**” муаллиф таъкид менамояд, ки рушди кишоварзии ноҳияи Данғара дар давраи соҳибистиқлолӣ самти нави иқтисодиро касб намуда, аз соҳибияти маҳдуди захираҳои истеҳсолӣ ба низоми бозории муосир бо ҷалби сармоягузории хусусӣ ва усулҳои нави агротехникӣ гузашт. Бо истифода аз маълумоти оморӣ, барномаҳои давлатӣ ва ҳуҷҷатҳои марбут ба ислоҳоти аграрӣ, нишон дода шудааст, ки истеҳсоли зироат, таҷдиди инфрасохтори обёрӣ ва зиёд гардидани хоҷагиҳои деҳқонӣ, Данғараро ба яке аз минтақаҳои муҳим дар таъмини бозори дохилӣ ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ табдил додааст. Муаллиф инчунин робитаи миёни сиёсати давлатӣ ба самти амнияти озуқаворӣ, ташкили бозорҳои минтақавӣ ва рушди иқтисодиёти хоҷагиҳои хурди оилавиро ба таври таҳлилӣ нишон дода, ба хулоса меояд, ки ноҳия аз сохтори анъанавии заминдории колхозӣ ба низоми гуногуншаклии моликияти аграрӣ гузашт.

Дар зербоби сеюми боби сеюм - “**Данғара маркази фарҳангии минтақа**”, диссертант ба таври илмӣ нишон медиҳад, ки ноҳияи Данғара дар давраи соҳибистиқлолӣ на танҳо дар самти иқтисодӣ ва саноатӣ пешрафт кардааст, балки ба яке аз марказҳои муҳимми фарҳангӣ ва маърифатии минтақа табдил ёфтааст. Муаллиф бо такя ба санадҳои расмӣ, барномаҳои давлатӣ оид ба рушди фарҳанг, таъсиси муассисаҳои нави фарҳангиву маърифатӣ, баландшавии нақши театр, марказҳои ҳунарҳои мардумӣ ва муассисаҳои таълимии фарҳангӣ, равшан месозад, ки табақаи нави фаъолони фарҳангӣ ва маърифатӣ дар ноҳия ташаккул ёфтааст, ки ин раванд сатҳи фарҳанг ва худогоҳии иҷтимоиро дар минтақа боло бурдааст.

**Хулосаи диссертатсияи** довталаби дараҷаи илмӣ аз натиҷаи баҳсҳои илмӣ бар омада, дарк ва зеҳнияти касбии муҳаққиқии ӯро нишон медиҳад. Дар хулоса натиҷаи пажуҳиш ба тариқи фишурда аз рӯйи натиҷагирии таҳқиқ оварда шуда, феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмиест, ки миқдорашон ба 359 адад мерасад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Шодмонзода О.Ш. мазмуну муҳтаво ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар 15 мақолаи

илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Маводи батабърасида муҳимтарин паҳлуҳо ва мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии диссертантро собит менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон ба талабот оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон аз баъзе камбудиҳо низ орӣ набуда, аз назари мо ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ аз манфиат холӣ нест:

1. Бо вуҷуди истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва истинод ба сарчашмаҳои гуногун, маълум аст, ки муаллиф на ҳамеша ин маълумотро дар заминаи муқоисаи байниноҳиявӣ ва минтақавӣ ҷой медиҳад. Барои таҳқиқоти илмии сатҳи номзадӣ муносиб мебуд, ки натиҷаҳои рушди Данғара дар муқоиса бо дигар ноҳияҳои ҳамрадифа тавсиф мегардиданд, то хусусият ва фарқияти воқеии ин минтақа равшантар баён гардад.

2. Қисмати марбут ба методология бо такя ба усулҳои таърихӣ, таҳлилии муқоисавӣ ва оморӣ зикр шудааст, аммо татбиқи амалӣ ва нишон додани чӣ гуна истифода шудани ҳар як усул дар таҳқиқот ба таври возеҳ шарҳ дода нашудааст.

3. Ҳангоми арзёбии даврахои ҳассоси таърихӣ, аз ҳаракати босмачигарӣ, сиёсати шуравӣ ва давраи аввали истиқлол, диққати муаллиф бештар ба дастовардҳо равона шудааст, дар ҳоле ки зиддиятҳои иҷтимоӣ, муносибати қишрҳои гуногуни ҷомеа ба сиёсати давлатӣ ва сатҳи

муқовимати аҳолӣ танҳо ба таври иҷмолӣ ишора шудаанд. Муфассалтар кушодани ин ҷанбаҳо метавонист ба диссертатсия хусусияти таҳлилӣ ва баҳснокӣ бахшад, ки барои илм муҳим мебошад.

4. Агар дар натиҷагирии бобҳо нуктаи назари илмии шахсӣ, хулосабарории амиқи назариявӣ ва баҳогузории муқоисавии худро мустаҳкам менамуд, ба мазмун ва муҳтавои рисола тобиши хуб пайдо мекард.

5.Дар диссертатсия дар баъзе мавридҳо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, эродҳои зикргардида ислоҳпазир буда, онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, ислоҳи онҳо ҳангоми таҳия ва нашри монография арзиши илмии кори диссертатсиониро боло мебаранд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант доир ба мавзуи мавриди пажуҳиш ба табъ расонидааст, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро пурра фаро гирифтааст. Кори диссертатсионии мазкур ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмии кори диссертатсионӣ ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон “Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта буда, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои
байналхалқии Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба
номи Садриддин Айнӣ Наҷмиддинов Толибшо Ашурович

Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 121
Тел: 224-13-83
E-mail: tgpu2004@mail.ru

Имзои Т.А.Наҷмиддинов-ро
тасдиқ мекунам: Қодирзода С.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус

23.10.2025